# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
## ФАКУЛТЕТИ ФАРМАТСЕВТӢ
## КАФЕДРАИ ХИМИЯИ ФАРМАТСЕВТӢ ВА ИДОРАВУ ИҚТИСОДИЁТИ ФАРМАТСЕВТӢ

«Тасдиқ мекунам»
Декани факултети фарматсевтӢ
_________ Каримзода Ф.У.
«____» ___________ 2025 с.

**СИЛЛАБУС** (БАРНОМАИ ВАСЕЪИ КОРӢ)
АЗ ФАННИ «ИДОРАКУНӢ ВА ИҚТИСОДИЁТИ ФАРМАТСЕВТӢ» БАРОИ ДОНИШҶӮЁНИ КУРСИ СЕЮМИ ИХТИСОСИ 79010800

Фанни таълимӣ: **Идоракунӣ ва иқтисодиёти фарматсевтӣ**

Ихтисос: 79010800 - дорусозӣ

Ҳаҷми соатҳои таълимӣ – 72 соат (3 кредит)

Лексия – 24 соат (1 кредит)

Машғулияти амалӣ (КМРО) – 24 соат (1 кредит)

КМД – 24 соат (1 кредит)

Курс – 3, семестри 6-ум

**ДУШАНБЕ – 2025**

# СИЛЛАБУС

(барномаи васеи корӣ) аз ҷониби дотсенти кафедраи химияи фарматсевтӣ ва идораву иқтисодиёти фарматсевтӣ Раҷабзода Ф.К. аз фанни идоракунӣ ва иқтисодиёти фарматсевтӣ барои донишҷӯёни курси 3-юми шуъбаи рӯзонаи ихтисоси 79010800 – дорусозӣ мураттаб шудааст.

| **Ном ва насаби омӯзгор** | **Курс** | **3** | **Ҷадвали дарсҳо** |
|---|---|---|---|
| **Раҷабзода Ф.К.<br>Ҳомидов Д.К.<br>Якубова Ш.** | **семестр** | **6** | |
| | Шумораи кредитҳо | 3 | |
| Суроғаи омӯзгор:<br>Кафедраи химияи фарматсевтӣ ва идораву иқтисодиёти фарматсевтӣ, утоқи 518, бинои таълимии №3,<br>Тел: 906888188 | Лексия | 24 с | |
| | КМРО | 24 с | |
| | КМД | 24 с | |
| | Қабули КМД | - | |
| | Шакли назорати ҷамъбастӣ | Имтиҳон | |

Барномаи кории таълимӣ дар асоси Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар асоси Низомномаи низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.12. 2016, №19/24) ва мазмуну мундариҷаи ҳадди ақали Барнома (Стандарт)-и давлатии таҳсилотии ихтисоси дорусозӣ, ки бо Қарори Мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11.06. 2005, №…/…. тасдиқ гардидааст, тартиб дода шудааст.

Дар маҷлиси кафедра, суратмаҷлиси №6 аз «23» 01 соли 2025 тасдиқ гардидааст.

Мудири кафедра _______________ дотсент, Юсуфзода А.Ҷ.

Дар асоси қарори шӯрои илмию методии факултети фарматсевтӣ аз «24» 01 соли 2025, суратмаҷлиси №6 баррасӣ ва барои истифода дар раванди таълим тавсия дода шудааст.

Раиси
Шӯрои илмию методии факултет, дотсент Юсуфзода А.Ҷ.

## ФАСЛИ I: ҚИСМИ ТАШКИЛӢ-МЕТОДӢ

**1.1.** Барномаи кории фанни таълимӣ (силлабус) аз рӯи ихтисоси 79010800-дорусозӣ; идоракунӣ ва иқтисодиёти фарматсевтӣ омода гардидааст.

Системаҳои миллии имрӯзаи тандурустӣ беш аз пеш бо норасоии маблағҳои пулӣ барои пӯшонидани хароҷоти ёрии тиббӣ дучор мешаванд. Ба мамлакатҳои камбағал ва инкишофёбанда камбудии буҷет барои таъмини маблағгузории зарурӣ имконият намедиҳад.

Идоракунӣ ва иқтисодиёти фарматсевтӣ дар давоми ду даҳсолаи охир эътирофи арзанда пайдо карда, фаъолона инкишоф меёбад. Тағйироти сохторӣ дар ҷараёни маълумоти умумӣ, зарурати наздик кардани мазмуни маълумоти олӣ бо стандартҳои касбии мувофиқи давлатҳои аврупоӣ, инчунин зарурати ногузир ба мутахассисоне, ки методологияи таҳлили фармакоэкономикиро доранд, асос барои ба нақшаи тайёр кардани мутахассисон дар соҳаи фарматсия ворид кардани фанни таълимии «Идоракунӣ ва иқтисодиёти фарматсевтӣ» гардид.

**1.2. Тавсифи мухтасари фан**

Фанни мазкур яке аз қисмҳои таркибии силсилаи фанҳои тахассусӣ буда, омӯзиши он ҳатмӣ мебошад. Ҳамзамон фанни идоракунӣ ва иқтисодиёти фарматсевтӣ ба донишҷӯён ҳам ба таври назариявӣ ва амалӣ таълим дода мешавад.

**1.3. Мақсад ва вазифаҳои фан**

Идоракунӣ ва иқтисодиёти фарматсия ин маҷмӯи илмии фанӣ мебошад, ки дастовардҳоро дар ин соҳаҳои дониш, ба мисли менеҷмент, иқтисодиёт, сосиология, маркетинг, логистика, психология, назарияи системаҳо ва ғайра мутаҳҳид намуда, мақсадаш дарёфти тарзҳои судмандтари расонидани кӯмаки фармасевтӣ ба аҳолӣ мебошад. Объекти омӯзиши идоракунӣ ва иқтисодиёти фармасия ин доираи муомилоти маҳсулоти фармасевтӣ ва парафармасевтӣ, инчунин, механизмҳои ҳамкорӣ дар бозори фармасевтӣ мебошад.

**Вобаста аз мақсад, дар ҷараёни омӯзиши фанни «Идоракунӣ ва иқтисодиёти фарматсевтӣ» вазифаҳои зерин ҳал карда мешаванд:**

- ба донишҷӯён омӯзонидани иҷрои фаъолият оид ба мувофиқакунии табобат ба воситаи доруворӣ;
- ба донишҷӯён омӯзонидани иҷрои фаъолият оид ба мувофиқакунии хароҷотҳои давлат ва шаҳрвандони алоҳида барои ёрии тиббӣ;
- ба донишҷӯён омӯзонидани асосноккунии дурнамои коркард ва истеҳсоли маводи дорувории нав;
- ба донишҷӯён омӯзонидани интихоби маводи дорувории мувофиқ барои ташаккули ҳуҷҷатҳои меъёрӣ (стандартҳо ва протоколҳои табобати беморон, номгӯйи маводи дорувории ҳаётан зарур ва муҳим, рӯйихатҳои маводи доруворӣ барои таъмини контингентҳо (шахсон)-и имтиёзноки аҳолӣ, карточкаҳои доруворӣ) дар асоси таҳлили гишондиҳандаҳои интегралии иқтисодиёти фармакологӣ, ки ҳам самаранокии табобат ва ҳам хароҷотнокиро муттаҳид мекунанд;
- ба донишҷӯён омӯзонидани ҷамъоварии ахбори эътимодбахш ва воқеӣ дар бораи самаранокӣ, бехатарии маводи доруворӣ ва хароҷот барои истифодаи онҳо;
- ба донишҷӯён омӯзонидани иҷрои вазифаҳо оид ба ташкили фаъолияти ташкилоте, ки ба соҳаи гардиши маводи доруворӣ ва идоракунии онҳо аз ҷониби шуъбаҳои сохторӣ машғуланд;
- ба донишҷӯён омӯзонидани ташкили меҳнати коргарони корхонаҳои фарматсевтӣ, қабули қарорҳои иҷрошаванда, муайянкунии тартиби иҷрои корҳо;

**1.4. Пререквизитҳо:** Ҳангоми омӯзиши фанни «Идоракунӣ ва иқтисодиёти фарматсевтӣ» донишҷӯён ба донишҳои азхуднамудаи худ оид ба фанҳои зерине, ки барои омӯзиши фанни мазкур мусоидат мекунанд, такя мекунад: фармакоэкономика, идоракунии сифати маводи доруворӣ, баҳисобгирии муҳосибӣ ва ғ.

**1.5. Постреквизитҳо:** Донишҷӯён дониш ва малакаи дар натиҷаи омӯзиши фанни «Идоракунӣ ва иқтисодиёти фарматсевтӣ» гирифтаашонро метавонад ҳангоми омӯзиши тамоми фанҳои дорусозӣ истифода баранд, аз ҷумла: маркетинг ва менеҷменти фарматсевтӣ, молшиносии тиббӣ ва фарматсевтӣ ва ғ.

**1.6. Талаботҳои асосӣ доир ба қисматҳои фан ва омӯзиши он:**

**1.6.1. Талабот нисбат ба сатҳи азхудкунии фан (салоҳиятҳои касбӣ).**

Дар натиҷаи омӯзиши фан донишҷӯ бояд:

**а) донад:**

- Асосҳои танзими давлатӣ дар соҳаи фарматсия.
- Макомоти идоракунии хадамоти фармасевтӣ.
- Этикаи (ахлоқи) фармасевтӣ ва деонтология.
- Система таъминоти судмандӣ, бехатарӣ ва сифати маҳсулоти фармасевтӣ.
- Стандартизатсия дар соҳаи муомилоти маводи доруворӣ.
- Иҷозатномадиҳӣ дар соҳаи муомилоти маводи доруворӣ.
- Ташкили фаъолияти корхонаҳои фармасевтии савдои яклухт ва чакана.
- Моделкунӣ ва ташкили ҷараёни тайёр кардан ва назорати сифати маводи доруворӣ дар дорухона.
- Асосҳои иқтисодиёти муассисаи фармасевтии савдо: банақшагирӣ, баҳисобгирӣ, таҳлил.
- Назария ва амалияи менеҷмент ва маркетинги фармасевтӣ.

**б) тавонад:**

– қобилияти аз худ намудани мустақилона усулҳои нави таҳқиқот, инкишофи касбияти илмӣ ва амалии фаъолияти касбии худ;

– қобилияти мустақилона аз худ намудан ва дар амал истифода намудани донишҳо ва малакаҳои нав;

– қобилияти таҳлил ва истифода намудани сарчашмаҳои гуногун оид ба тибби исботкунанда;

– қобилияти мустақилона интихоби алтернативаҳо вобаста ба табобати медикаментозӣ;

**в) дар амал татбиқ карда тавонад:**

– дар муассисаҳои фарматсевтӣ тавонистан ва қабули қарори оқилона ҳангоми хизматрасонӣ;

– идоракунии самаранокӣ анвои дорухона;

– оид ба қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ андешаҳояшро иброз карда тавонад;

Вобаста ба мавзуъ ё аудитория ҳангоми омӯзиши фан дар баробари машғулиятҳои лексионии анъанавӣ, аз навъҳои гуногуни фаъоли таълими масъалаҳои назариявӣ, чун лексияи проблемавӣ, лексияи академӣ, лексия-мубоҳиса, лексия бо таваққуфҳо (истҳо, паузаҳо), лексияи маҷмӯӣ (комплексӣ) амсоли он низ истифода карда мешавад.

**Шаклҳо** – лексия, дарсҳои амалии аудиторӣ, омодасозии маърӯзаҳо ба конфронс, кори мустақилонаи ҷорӣ, иҷро намудани ҳалли супоришҳои шартӣ вобаста ба ҳар як мавзуъ, иҷрои корҳои мустақилона, навиштани мазмуни мухтасар (конспект).

**Усулҳо** – ҳалли супоришҳо, омодасозии маърӯзаҳо, иҷрои корҳои мустақилона, мубоҳисаҳо, бозиҳои корӣ, қабули тест ва монанди инҳо.

Ҳангоми гузаронидани дарсҳои амалӣ истифодабарии маҷмӯи дар ихтиёрдоштаи техникаи электронӣ тавсия дода мешавад: тахтаи электронӣ, компютерҳои фардӣ, таҷҳизоти проексионӣ. Маводҳои асосии шарҳдиҳанда (тарҳҳо, нақшаҳо, ҷадвалҳо, графикҳо) барои истифодабарии мувофиқ (намоишҳо, дискҳо) бояд пешакӣ омода карда шаванд. Муайян намудани шумораи нашри ҳуҷҷатҳои воқеӣ (қонун, қарор, фармон, оиннома, низомнома, стратегияҳо, консепсияҳо, барномаҳои давлатӣ ва ғ.) ба манфиати кор аст, зеро онҳоро дар як вақт ҳамаи донишҷӯён дар синфхона истифода мебаранд. Ҳангоми дар дарсҳои амалӣ гузаронидани пурсиш истифода аз маҷмӯи тестҳо ба манфиати кор мебошад.

**Нақшаи тақвимӣ-мавзӯӣ фанни таълимии «Идоракунӣ ва иқтисодиёти фарматсевтӣ»**

Миқдори умумии кредитҳо 3 (72 соат)
Машғулиятҳои аудитории лексионӣ-назариявӣ – (24 соат)
Машғулиятҳои аудитории амалӣ – (24 соат)
Корҳои мустақилонаи донишҷӯён – (24 соат)

**2.2. Нақшаи умумии тақвимии мавзӯҳои фанни таълимӣ**
**Мундариҷаи фан**

| № | Ҳафта | Номгӯи мавзӯҳо ва фаслҳо | Дарсҳои аудиторӣ | | КМД | Ҳамагӣ | Адабиёт |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | Лексия | КМРО | | | |
| | | | | | | | |
| 1. | I | Асосҳои танзими давлатӣ дар соҳаи фарматсия | 2 | 1 | 2 | 5 | А6 [с. 6-18]; А5 [с.22-30]; А7 [с.6-12]; А8 [с.3-11]; И1 [с. 6-25]; И2 [с.5 -14]; И5 [с. 9-11]; И6 [с. 6-16]; |
| 2. | II | Институтҳои шаклие, ки барои расонидани кӯмаки фарматсевтӣ асоси қонунгузорӣ ва ҳуқуқиро ба вуҷуд меоранд. | 2 | 1 | 2 | 5 | А6 [с.20-41; 43-53]; А3 [с.13-23]; А4 [с.6-11]; А7 [с.6-22]; |
| 3. | III | Мақомоти идоракунии хадамоти фарматсевтӣ. | 2 | 1 | 2 | 5 | А1; А6 [с.23-24]; А4 [с. 11-20;141-168]; И1 [с. 26 -54]; И2 [с.15 -20]; И4 [с. 5-16]; И5 [с. 12-37]; И6 [с. 26-29]; |
| 4. | IV | Этикаи фарматсевтӣ ва деонтология. | 2 | 1 | 2 | 5 | А7; А6 [с.62-64]; А3 [с.75-189]; А4 [с.21-34; 106-138]; А5 [с.38-51]; А6 [с.24-40;112-118]; А7 [с.40-51]; |
| 5. | V | Стандартизатсия дар соҳаи муомилоти маводи доруворӣ. | 2 | 1 | 2 | 5 | А7; А6 [с.65-77]; А3 [с.30 -72]; А4 [с.70-104]; А5 [с.53-106]; А6 [с.85-111]; |
| 6. | VI | Баҳодиҳии мутобиқат. | 2 | 1 | 2 | 5 | А6 [с. 115-121]; А4 [с. 191-204; 300-325]; А6 [с. 191-199]; |
| 7. | VII | Тартиби ба амал баровардани назорати давлатии сифати маводи доруворӣ. | 2 | 1 | 2 | 5 | А6 [с.170-184]; А7 [с.75-84]; А9 [с.109-112]; И6 [с. 42-50]; |
| 8. | VIII | Иҷозатномадиҳӣ дар соҳаи муомилоти маводи доруворӣ. | 2 | 1 | 2 | 5 | А7; А6 [с.65-77]; А3 [с.30 -72]; А4 [с.70-104]; А5 [с.53-106]; А6 [с.85-111]; |
| 9. | IX | Ташкили кори шабакаи молгузарони бозори фарматсевтӣ | 2 | 1 | 1 | 4 | А2 [с.180-196]; А4 [с.69-90]; А6 [с.200-220]; А7 [с.222-230]; А9 [с.148-171]; И5 [с. 174-179]; И6 [с. 85-91]; |
| 10. | X | Идоракунии харидҳои тендерӣ | 2 | 1 | 1 | 4 | А7; А6 [с.170-179; 205-207]; А5 [с.155-178]; А9 [с.125-127]; И1 [с. 98-123]; И4 [с. 180-197]; И5 [с. 140-153]; И6 [с. 56-69]; |
| 11. | XI | Ташкили фаъолияти корхонаҳои фармасевтии савдои яклухт.Миёнаравии яклухт: тасниф ва функсияҳо. | 2 | 1 | 1 | 4 | А5 [с.356-390]; А6 [с.118-134]; А6 [с.134-136]; И1 [с. 177-179]; И6 [с. 140-150]; |
| 12. | XII | Стандарти фаъолияти корхонаи савдои яклухти маводи доруворӣ. | 2 | 1 | 1 | 4 | А1; А6 [с.23-24]; А4 [с. 11-20;141-168]; И1 [с. 26 -54]; И2 [с.15 -20]; И4 [с. 5-16]; И5 [с. 12-37]; И6 [с. 26-29]; |
| 13. | XIII | Ташкили кори анбори дорухона. | 2 | 1 | 1 | 4 | А7; А6 [с.62-64]; А3 [с.75-189]; А4 [с.21-34; 106-138]; А5 [с.38-51]; А6 [с.24-40;112- |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | 118]; А7 [с.40-51]; |
| 14. | XIV | Нигоҳдории маводи доруворӣ ва гурӯҳҳои дигари молҳо. | 2 | 1 | 1 | 4 | А7; А6 [с.65-77]; А3 [с.30 - 72]; А4 [с.70-104]; А5 [с.53-106]; А6 [с.85-111]; |
| 15. | XV | Автоматизатсияи идоракунии ҳаракати мол дар анбори дорухо-навӣ. | 2 | 1 | 1 | 4 | А6 [с. 115-121]; А4 [с. 191-204; 300-325]; А6 [с. 191-199]; |
| 16. | XVI | Муассисаҳои дорухонавӣ: тасниф ва функсияҳо. | 2 | 1 | 1 | 4 | А1; А6 [с.23-24]; А4 [с. 11-20;141-168]; И1 [с. 26 -54]; |
| Ҳамагӣ | | | 32 | 16 | 24 | 72 | |

## 2.3. МУНДАРИҶАИ МАВЗУҲО ВА ФАСЛҲОИ ҶУДОГОНАИ ФАННИ ТАЪЛИМӢ

## ҚИСМИ 1. АСОСҲОИ ТАНЗИМИ ДАВЛАТӢ ДАР СОҲАИ ФАРМАТСИЯ

**Мавзӯи 1. Консепсияи кӯмаки фармасевтӣ.**

Сарчашмаи ташаккули консепсияи кӯмаки фармасевтӣ аз даврони қадим оғоз гардида, аз калимаи мисрии фармаки (тарҷума – «наҷотбахшанда» ё «бехатарӣ») ва калимаи юнонии фармакон (дар тарҷума – дору) ибтидо гирифтааст. Маҳз ҳамин мазмунро истилоҳҳо бо решаҳои -фарма- ё -фармако- ифода мекунанд, ки дар ин ё он намуд фаъолиятро оид ба ҳифзи саломатии аҳолӣ бо истифода аз доруворӣ муайян мекунанд.

**Мавзӯи 2. Институтҳои шаклие, ки барои расонидани кӯмаки фармасевтӣ асоси қонунгузориро ба вуҷуд меоранд**

Яке аз функсияҳои ташкилоти дорухонавӣ тайёр кардани шаклҳои экстемпоралии доруҳо аз рӯи дорухати духтурон ва дархости муассисаҳои табобатию профилактикӣ ё сабтҳои умумикардашуда аз доруҳои дар ҶТ ба қайд гирифташуда мебошад.

### 2.3. МУНДАРИҶАИ КОРИ МУСТАҚИЛОНАИ ДОНИШҶӮ

Кори мустақилонаи донишҷӯ - ҳамчун амали донишҷӯ дар ҷодаи мустақилона азхуд намудани барномаи таълимии фан аз рӯи мавзуъҳо ва супоришҳои пешбинишуда ба шумор рафта, аз ҷониби муассисаи таҳсилоти олии касбӣ (кафедра) бо адабиёти таълимию методӣ ва дастурҳо пурра таъмин гардонида мешавад. Кори мустақилонаи донишҷӯ дар шароити татбиқи низоми кредитии таҳсилот дар ду шакл иҷро карда мешавад:

-кори мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор (КМРО);

-кори мустақилонаи донишҷӯ (КМД).

### *МУНДАРИҶАИ КМРО*

Машғулияти амалӣ яке аз шаклҳои фаъолияти таълимии донишҷӯён ба шумор рафта, алоқамандии мантиқиро бо таълими назариявӣ, ба самти амалия равон сохтани фанҳои таълимии алоҳида ва тайёрии пурраи донишҷӯёнро ҳамчун мутахассис таъмин менамояд. Дар машғулияти амалӣ донишҷӯён қоида ва усулҳои истифодабарии амалии донишҳои ба таври назариявӣ аз фанни таълимӣ азхуднамударо омӯхта, маҳорат ва малакаи ҳалли масъалаҳои мушаххасро дар асоси маълумоти илмии гирифтаашон дар худ ташаккул медиҳанд.

Мақсад аз гузаронидани КМРО ташаккул додани қобилияти дарккунӣ, ба таври эҷодӣ ва мустақилона фикр рондани донишҷӯён буда, дар рафти он мустаҳкамкунӣ, васеъгардонӣ ва

шарҳи донишҳои ба таври назариявӣ гирифта ба амал меояд, ки бояд ба ташаккул ёфтани салоҳиятҳои касбии донишҷӯён мусоидат кунад.

Кори мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор - дар шакли супоришҳои тестӣ, реферат, маҷмӯи вазифаҳои хонагӣ, эссе, муаррифӣ (презентатсия)-и маводи ҷамъоварда, дифои кор (лоиҳа)-ҳои курсӣ, ҳисобот оид ба таҷрибаомӯзӣ ва ғайра иҷро гардида, аз тарафи омӯзгор баҳогузорӣ мешавад.

| Мавзуъ № | ҳафта | Мундариҷаи машғулиятҳои амалӣ (КМРО) |
|---|---|---|
| | | |
| Асосҳои танзими давлатӣ дар соҳаи фарматсия | I | 1. Таърихи пайдоиши дорухонаҳо ва намудҳои он. |
| Институтҳои шаклие, ки барои расонидани кӯмаки фармат-севтӣ асоси қонунгузорӣ ва хукуқиро ба вуҷуд меоранд. | II | 1. Қонуни ҶТ «дар бораи маводи доруворӣ ва фаъолияти фарматсевтӣ» |
| Мақомоти идоракунии хадамо-ти фарматсевтӣ. | III | 1. Нақши давлат дар таъмини сифати маводи доруворӣ. |
| Этикаи фарматсевтӣ ва деонто-логия. | IV | 1. Ахлоқ ва нақши ахлок дар фаъолияти фарматсевтӣ. |
| Стандартизатсия дар соҳаи му-омилоти маводи доруворӣ. | V | 1. Сертификатсияи маводи доруворӣ. |
| Баҳодиҳии мутобиқат. | VI | 1. Марҳилаҳои гузаронидани таҳлилҳо барои таъмини сифа-ти маводи доруворӣ. |
| Тартиби ба амал баровардани назорати давлатии сифати маводи доруворӣ. | VII | 1. Маводҳои дорувории қалбакӣ ва роҳҳои мубориза зидди он. |
| Иҷозатномадиҳӣ дар соҳаи му-омилоти маводи доруворӣ. | VIII | 1. Иҷозатнома ва намудҳои он. |
| Ташкили кори шабакаи молгу-зорони бозори фарматсевтӣ | IX | 1. Логистика ва нақши он дар бозори фарматсевтӣ. |
| Идоракунии харидҳои тендерӣ | X | 1. Ташкил ва гузаронидани озмун. |
| Ташкили фаъолияти корхо-наҳои фармасевтии савдои яклухт.Миёнаравии яклухт: тасниф ва функсияҳо. | XI | 1. Тасниф ва функсияҳои корхонаҳои фармасевтии савдои яклухт. |
| Стандарти фаъолияти корхонаи савдои яклухти маводи доруворӣ. | XII | 1. Амалияи хуби дистрибюторӣ |
| Ташкили кори анбори дорухо-на. | XIII | 1. Идоракунии захираҳо дар корхонаҳои фарматсевтӣ. |
| Нигоҳдории маводи доруворӣ ва гурӯҳҳои дигари молҳо. | XIV | 1.Талаботҳо барои нигоҳ доштани маводҳои доруворӣ. |
| Автоматизатсияи идоракунии ҳаракати мол дар анбори дору-хонавӣ. | XV | 1. Воситаҳои муосири техникӣ да идоракунӣ. |
| Муассисаҳои дорухонавӣ: тасниф ва функсияҳо. | XVI | **1.** Таърихи пайдоиши дорухона ва намудҳо он. |
| **Ҳамагӣ** | | |

### 2.5. Шарҳи мухтасари супоришҳо барои кори мустақилонаи донишҷӯ (КМД)

Корҳои мустақилонаи донишҷӯ (КМД) тарзи фаъол ва мақсадноки аз худ намудани дониш, ташаккул додани малака ва маҳорати сермаҳсули эҷодии ӯ бе иштироки фаъоли омӯзгор дар ин раванд мебошад. Тамоми навъҳои корҳои мустақилонаи донишҷӯ ҳатмӣ ва назоратшаванда мебошанд. Корҳои мустақилонаи донишҷӯ омода гардидани донишҷӯро ба машғулиятҳои дарсии ҷорӣ таъмин менамоянд. Натиҷаи иҷрои корҳои мустақилонаи донишҷӯ дар фаъолона ширкат варзидан ҳангоми баргузор шудани машғулиятҳои аудитории лексионӣ-назариявӣ ва амалӣ, семинарҳо, корҳои лабораторӣ ва супурдани тестҳо ва дигар шаклҳо ифода мегардад. Баҳои дар натиҷаи иҷрои корҳои мустақилона бадастовардаи донишҷӯён барои баҳои ҷамъбастии азхудкунии фанҳои таълимӣ аз ҷониби онҳо асос мегардад.

Ҷамъбасти натиҷа ва баҳодиҳӣ ба корҳои мустақилонаи донишҷӯ муттасил, давра ба давра дар ҳузури тамоми донишҷӯёни гурӯҳи академӣ амалӣ гардонида мешавад. Натиҷаҳои бадастовардаи донишҷӯ оид ба корҳои мустақилона ҳангоми гузаронидани аттестатсияи ҷамъбастӣ аз рӯи фанни таълимӣ ба эътибор гирифта мешаванд.

Тарзҳои иҷро намудани корҳои мустақилонаи донишҷӯ дар асоси барномаҳои таълимии фанни "Назарияи давлат ва ҳуқуқ" ва нақшаи таълимии ихтисиси мазкур чунин муқаррар карда шудааст:

| Номгӯи мавзуҳои дарсӣ | Мӯҳлати супоридан | | Ҳаҷм ва тартиби барасмиятдарории корҳо |
|---|---|---|---|
| Асосҳои танзими давлатӣ дар соҳаи фарматсия | Ҳафтаи 1. | | Супоридани маърузаи хаттӣ ва ҷавоб додан ба савобҳо (на кам аз 2,5-3 саҳ.) |
| Институтҳои шаклие, ки барои расонидани кӯмаки фарматсевтӣ асоси қонунгузорӣ ва ҳуқуқиро ба вуҷуд меоранд. | Ҳафтаи 2. | | Супоридан дар шакли хаттӣ |
| Мақомоти идоракунии хадамоти фарматсевтӣ. | Ҳафтаи3. | | Супоридан дар шакли хаттӣ |
| Этикаи фарматсевтӣ ва деонтология. | Ҳафтаи 4. | | Супоридан дар шакли хаттӣ. Презентатсияи вазифаи хонагӣ |
| Стандартизатсия дар соҳаи муомилоти маводи доруворӣ. | Ҳафтаи 5. | | Супоридан дар шакли хаттӣ |
| Баҳодиҳии мутобиқат. | Ҳафтаи 6. | | Супоридан дар шакли хаттӣ. Ба таври графики пешниҳоднамудани боҳамалоқамандии хароҷот, ҳаҷми истеҳсолот ва фоида |
| Тартиби ба амал баровардани назорати давлатии сифати маводи доруворӣ. | Ҳафтаи 7. | | Супоридан дар шакли хаттӣ. Презентатсияи вазифаи хонагӣ |
| Иҷозатномадиҳӣ дар соҳаи муомилоти маводи доруворӣ. | Ҳафтаи 8. | | |
| Ташкили кори шабакаи молгузарони бозори фарматсевтӣ | Ҳафтаи 9. | | Супоридан дар шакли хаттӣ. Презентатсияи вазифаи хонагӣ |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Идоракунии харидҳои тендерӣ | Ҳафтаи 10. | | Супоридан дар шакли хаттӣ |
| Ташкили фаъолияти корхонаҳои фармасевтии савдои яклухт.Миёнаравии яклухт: тасниф ва функсияҳо. | Ҳафтаи 11. | | Супоридан дар шакли хаттӣ |
| Стандарти фаъолияти корхонаи савдои яклухти маводи доруворӣ. | Ҳафтаи 12. | | Супоридан дар шакли хаттӣ |
| Ташкили кори анбори дорухона. | Ҳафтаи 13. | | Супоридан дар шакли хаттӣ. Презентатсияи вазифаи хонагӣ |
| Нигоҳдории маводи доруворӣ ва гурӯҳҳои дигари молҳо. | Ҳафтаи 14. | | Супоридан дар шакли хаттӣ. Презентатсияи вазифаи хонагӣ |
| Автоматизатсияи идоракунии ҳаракати мол дар анбори дорухонавӣ. | Ҳафтаи 15. | | Супоридан дар шакли хаттӣ. Презентатсияи вазифаи хонагӣ |
| Муассисаҳои дорухонавӣ: тасниф ва функсияҳо. | Ҳафтаи 16. | | |

## ФАСЛИ III: СИЁСАТ ВА РАВАНДИ БАҲОГУЗОРӢ

Баҳо мувофиқи Низомномаи амалкунанда оид ба низоми кредитии таълим гузошта мешавад. Ҳар хафта назорати ҷорӣ аз болои иштироки донишҷӯён дар дарсҳои лексионӣ ва амалӣ, фаъолнокӣ дар КМРО, иҷрои вазифаҳои хаттии хонагӣ ва супоришҳо барои КМД барпо мегардад. Дар охири семестр имтиҳони ҷамъбастӣ дар шаклҳои гуногун (тестӣ, шифоҳӣ, хаттӣ ва ғ. гузаронида мешавад.

Шумо дар охири нимсола баҳои ҷамъбастии умумиро соҳиб мегардед, ки он нишондиҳандаи натиҷаҳои кӯшишҳоятон дар муддати нимсола мебошад. Баҳои ҷамъбастӣ дар асоси ҷадвали баҳогузорӣ, ки аз ҷониби Шурои олимони донишгоҳ муайян шудааст, гузошта мешавад.

Фаъолияти академии донишҷӯ дар ҳар як давр (ҳар ҳафта: 2,5 + 6 + 4 = 12,5 хол).
Аз ҷумла: 4 хол – барои фаъолнокӣ дар машғулиятҳо лексионӣ;
6 хол – барои корҳои иҷрошуда доир ба КМРО (семинар, амалӣ ва ғ.);
2,5 хол – барои иҷрои кори мустақилона (КМД).

Муайян намудани рейтинги донишҷӯ дар аттестатсияи ҷамъбастӣ, имтиҳони фанни таълимӣ низ дар асоси талаботи низоми холдиҳӣ-рейтингии ECTS ба амал оварда мешавад.

Аттестатсияи ҷамъбастӣ, имтиҳон доир ба фанни таълимӣ дар шакли тестӣ ё шифоҳӣ қабул ва гузаронида мешавад. Ҳаҷми саволномаи тестӣ дар аттестатсияи ҷамъбастӣ, имтиҳонӣ фанни таълимӣ ба 25 савол баробар аст. Барои фанҳои таълимии равияҳои илмҳои дақиқ аз ин камтар иҷозат дода мешавад.

Ба ҳар як ҷавоби дуруст – 4 хол муқаррар карда шудааст. Агар тест аз 25 савол камтар бошад, холи муқараргашта бояд ба 100 баробар карда шавад.

Холҳои дар рафти қабули аттестатсияи ҷамъбастӣ, имтиҳони фанни таълимӣ бадастовардаи донишҷӯ ҳамчун ҷамъи холҳои санҷиши тестӣ дониста шудааст. Холҳои рейтингии дар аттестатсияи ҷамъбастӣ, имтиҳони фанни таълимӣ бадастовардаи донишҷӯ ба холҳои дар давоми семестр азхудкардаи ӯ илова карда мешаванд.

Баҳое, ки доир ба фан гузошта мешавад, ҷамъи холҳои дар давоми ҳафтаҳо бадастовардашуда ва натиҷаи имтиҳоноти ҷамъбастӣ мебошад. Холҳо ба таври зер тақсим карда мешаванд:

| № | НАМУДИ НАЗОРАТ | ҲАФТАҲО ВА МИҚДОРИ ҲАДДИ АҚҚАЛИ ХОЛҲО | | | | | | | | | | | | | | | | ИҶ | ∑ холҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 | 12 | 13 | 14 | 15 | 16 | | |
| 1 | Барои фаъолнокӣ дар машғулиятҳо лексионӣ | 4 | 4 | 4 | 4 | 4 | 4 | 4 | 4 | 4 | 4 | 4 | 4 | 4 | 4 | 4 | 4 | | 64 |
| 2 | Барои корҳои иҷро-шуда доир ба КМРО (семинар, амалӣ ва ғ.) | 6 | 6 | 6 | 6 | 6 | 6 | 6 | 6 | 6 | 6 | 6 | 6 | 6 | 6 | 6 | 6 | | 96 |
| 3 | Барои корҳои иҷро-шуда доир ба КМД | 2,5 | 2,5 | 2,5 | 2,5 | 2,5 | 2,5 | 2,5 | 2,5 | 2,5 | 2,5 | 2,5 | 2,5 | 2,5 | 2,5 | 2,5 | 2,5 | | 40 |
| 4 | **Дар ҳафта** | 12,5 | 12,5 | 12,5 | 12,5 | 12,5 | 12,5 | 12,5 | 12,5 | 12,5 | 12,5 | 12,5 | 12,5 | 12,5 | 12,5 | 12,5 | 12,5 | | **200** |
| 5 | **Ҳамагӣ дар маҷмӯъ** | | | | | | | | | | | | | | | | | **100** | **300** |

Баҳои ҷамъбастӣ доир ба фан тибқи формулаи зер ҳисоб карда мешавад:

$$Иҷ = \left[ \frac{(ИФ_1 + ИФ_2)}{2} \right] \cdot 0,5 + Иҷ \cdot 0,5$$

**Ифодаи ҳуруфӣ ва ададии баҳои донишҷӯ**

| Ифодаи ҳуруфии баҳо | Ифодаи ададии баҳо | Холи ҷавобҳои дуруст | Ифодаи анъанавии баҳо |
|---|---|---|---|
| *A* | *4,0* | $95 \le A \le 100$ | Аъло |
| *A -* | *3,67* | $90 \le A < 95$ | |
| *B +* | *3,33* | $85 \le B+ < 90$ | Хуб |
| *B* | *3,0* | $80 \le B < 85$ | |
| *B -* | *2,67* | $75 \le B- < 80$ | |
| *C +* | *2,33* | $70 \le C+ < 75$ | Қаноатбахш |
| *C* | *2,0* | $65 \le C < 70$ | |
| *C -* | *1,67* | $60 \le C- < 65$ | |
| *D +* | *1,33* | $55 \le D+ < 60$ | |
| *D* | *1,0* | $50 \le D < 55$ | |
| *$F_X$* | *0* | $45 \le F_X < 50$ | Ғайриқаноатбахш |
| *F* | *0* | $0 \le F < 45$ | |

*Эзоҳ: Fx - баҳои ғайриқаноатбахшест, ки ба донишҷӯ ҳуқуқи дар омӯзиши такрории фан иштирок накарда, дар триместр (сессияи иловагӣ) бе пардохти маблағ супоридани имтиҳони фанни мазкурро медиҳад.*

**Сару либоси тавсиявӣ ва иштироки донишҷӯён** дар тамоми машғулиятҳои дарсӣ (лексионӣ, семинарӣ, лабараторӣ ва ғ.) ҳатмӣ мебошад. Ба дарсҳо омадан худ аз худ зиёдшавии холҳоро намефаҳмонад, яъне иштироки фаъоли донишҷӯ ба дарсҳо зарур аст. Ҳангоми роҳ додан ба дарсшиканӣ

ва ё сари вақт иҷро накардани супоришҳои аз ҷониби омӯзгор муқарраршуда донишҷӯ тавассути холҳои муайян ҷарима карда мешавад.

**Фаъолнокӣ** дар дарсҳои аудиторӣ ва КМРО ҳатмӣ буда, яке аз ташкилдиҳандагони холи ҷамъбастии донишҷӯ мебошад. Талаботи ҳатмии фан тайёрӣ ба ҳар як дарс мебошад. Зеро натиҷаи аз рӯи машғулиятҳои аудитории амалӣ бадастовардаи донишҷӯ, холҳои дар давоми баргузор гардидани машғулиятҳои дарсии ҷорӣ бадастовардаи ӯро ташкил медиҳанд. Донишҷӯ дар натиҷаи азхудкунии фанни таълимӣ дар машғулиятҳои аудиторӣ, иштирок ва фаъолнокӣ – 64 хол, корҳои мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор (семинарӣ, амалӣ ва ғ.) – 96 хол ва барои КМД 40 холи имконпазирро дар ҳар як давраи академӣ ба даст орад.

**Вазифаи хаттии хонагӣ** иҷрои корҳои мустақилона ва навиштани кори мустақилона (иншо) вобаста ба мавзӯи додашуда мебошад. Иҷрои рефератҳо барои тамоми донишҷӯён ҳатмист. Меъёрҳои баҳогузории кори хаттӣ: пуррагии мундариҷа, андоза, мантиқи баён, доштани таҳлили ва хулосаҳо, саривақт супоридан.

**Назорати марҳилавӣ** ҳамаи мавзуҳои лексионӣ, вазифаҳои хонагӣ ва маводҳо барои хондан, ки дар муддати он баррасӣ гардидааст, дарбар мегирад ва дар шакли тестҳо ва баҳсу мунозираҳо вобаста ба мавзуҳои омӯхташуда амалӣ гардонида мешавад.

**Имтиҳони фосилавӣ** - шакли назоратест, ки бо мақсади муайян намудани дараҷаи азхудкунии барномаи фанни таълимӣ аз ҷониби донишҷӯён дар давоми ҳар як даври академӣ ду маротиба гузаронида мешавад. Имтиҳони фосилавӣ аз ҷониби омӯзгорони фаннӣ дар марказҳои тестии донишгоҳ ба таври тестӣ гузаронида мешавад.

**Имтиҳони ҷамъбастӣ (финалӣ)** дар шакли шифоҳӣ ё хаттӣ баргузор мегардад ва шаклҳои гуногуни супоришҳоро дарбар мегирад: саволҳои кушода, ҳалли мисолу масъалаҳо. Меъёри гузоштани баҳои имтиҳонӣ: пуррагӣ ва дурустии ҷавобҳо, мантиқ ва тарзи баён.

## ФАСЛИ IV: ТАЪМИНОТИ ТАЪЛИМӢ-МЕТОДИИ ФАН

### 4.1. Рӯйхати адабиёти тавсияшаванда

#### 4.1.1. Адабиёти асосӣ


А1. Саидова М.Н. Багирова В.Л. Саидов Н.Б. Максимкина Е.А. Рахимова М.П. ”Идоракунӣ ва иқтисодиёти фарматсевтӣ” Душанбе -2015, 703 саҳ.

А2. Саидова М.Н., Васнетсова О.А., Саидов Н.Б.. Алиев З.Н. “Молшиносии тиббӣ ва фарматсевтӣ” Андалеб-р ш.Душанбе-2015, 508 саҳ.

А3. Саидова М.Н., Алиев З.Н., Фариддуни Кишвар, Хомидов Д.К. “Сборник тестов по управление и экономика фарматции” “эр-граф” Душанбе-2016. 324 саҳ.

А4. Саидов Н.Б. «Стандартизатсия ва таъминоти сифати маводи доруворӣ» Душанбе - 2012. 320 саҳ

А5. Тафсиф ба қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маводи доруворӣ ва фаъолияти фармасевтӣ» зери таҳрири Н.Б Саидов – Душанбе -2012, 340саҳ.

А6. Л.В. Яковлева, НБ Бездетко, О.А. Герасимова, О.Я. Мищенко, И.В. Карбушева, О.В. Ткачева, Н.Н. Беркало. Идоракунӣ ва иқтисодиёти фарматсевтӣ., 2007-173с.

А7. Воробьев П.А., Авксентьева М.В., Юрьев А.С., Сура М.В. – Клинико-экономический анализ. – М.: «Ньюамед», 2004. – 404с.

А8. Саидова М.Н., Васнетцова О.А., Алиев З.М. Составления перечня формуляров лекарственных средств: учебно - методические рекомендации. 2015.- 36 с.

А9. Саидова М.Н. Маркетинговые исследования лекарственного обеспечения больных кардиологического центра г. Душанбе. Дис.канд.фарм.наук. Москва.,2010г.

А10. Авксентьева М.В., Воробьев П.А., Герасимов В.Б., Горохова С.Г., Кобина С.А.–Экономическая оценка эффективности лекарственной терапии. – М.: «Ньюамед», 2000. – 80с.

А11. Лобутева Л.А, Лопатин П.В., Чекова Л.П. Организация фармацевтической помощи; системный маркетинговый подход, цикл лекции. Москва -1999-3с.

А12. Walley T, Davey P. Pharmacoeconomics: a challenge for clinical pharmacologist. Br. J Clin Pharmacology, 1995, No 3, 199-202.

A13. Zarnke K. B., Levine M. A., O'Brien B. J. Cost – benefit analyses in the health – care literature: don't judge a study by its label // J Clin Epidemiol. – 1997. – Vol. 50, № 7. – p. 813 – 822.

A14. Петров В.И. Прикладная идоракунӣ ва иқтисодиёти фарматсевтӣ: Учебное пособие. – М.: ГЭОТАР-Медиа, 2005. – 336 с.

A15. Петров, А.Н. Луцевич, О.В. Решетько. Новые технологии, регулирование, стандартизация и Идоракунӣ ва иқтисодиёти фарматсевтӣ в сфере обращения лекарственных средств. 2006 г. С-202-206.

A16. Bootman J. L., Townsend R. J., McGhan W. F. Principles of Pharmacoeconomics, Second edition. 1996, Cincinnati, Harvey Whitney Books Company.

**4.1.2. Адабиёти иловагӣ**

И1. Экономика аптечных организаций: учеб.для высш. учеб. Заведений»В.В. Дорофеева. Е.Е. Лоскутова.

И2. Управление и экономика фармации: В 4 т. Т. 2. Учет в аптечных организациях: оперативный, бухгалтерский, налоговый: Учебник для студентов. для выс. учеб. заведений А.А. Теодорович.Е.Е. Лоскутова.Е.А. Максимина

И3. Тафсиф ба қонуни ҶумҳурииТоҷикистон «Дар бораи маводи дорувори ва фаъолияти фармасевти» зери тахрири Н.Б Саидов – Душанбе -2012

И4. Назорати давлатии сифати маводи дорувори. Н.Б Саидов.Душанбе - 2013